**ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАЗОРАТИИ НАЗДИ ДИРЕКТОРИ МАРКАЗИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАЪЛИМИЮ МЕТОДИИ НАЗДИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

_______________ № _____ ш.Душанбе

Оид ба рафти машғулиятҳои таълимӣ аз рӯйи Барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабии “Рангинкамон” дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ва марказҳои инкишофи кӯдакони ноҳияи Шаҳринав

Ҷаласаи назорати назди директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ маълумотномаи шуъбаи таҳсилоти томактабиро оид ба рафти машғулиятҳои таълимӣ аз рӯйи Барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабии “Рангинкамон” дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ва марказҳои инкишофи кӯдакони ноҳияи Шаҳринав баррасӣ намуда, ҚАРОР МЕКУНАД:

1.Маълумотномаи шуъбаи таҳсилоти томактабӣ оид ба рафти машғулиятҳои таълимӣ аз рӯйи Барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабии “Рангинкамон” дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ва марказҳои инкишофи кӯдакони ноҳияи Шаҳринав ба инобат гирифта шавад (замима мегардад).

2.Ба мудири шуъбаи маорифи ноҳия Шаҳринав (Сатторзода Т), супорида шавад:

2.1.Маълумотнома ва қарори ҷаласаи назоратии назди директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методиро дар ҷаласаҳои Шурои шуъбаи маориф мавриди баррасӣ қарор диҳад;

2.2.Ҷиҳати самаранок ба роҳ мондани омӯзиши вазъи фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва марказҳои инкишофи кӯдакон;

2.3.Ба мураббиёни муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва мураббӣ – омӯзгорони марказҳои инкишофи кӯдакон дар самти расонидани ёрии методӣ чораҷӯйи намоянд;

2.4.Барои таъмини воҳиди кории мушовир дар шуъбаи маориф оид ба муассисаҳои томактабӣ ва марказҳои инкишофи кӯдакон чораандешӣ намояд.

2.5. Кабинети методии шуъбаи маорифро дар самти муассисаҳои томактабӣ ва марказҳои инкишофи кӯдакон оид ба коргузорӣ ва

ҳуҷҷатдорӣ, дастурҳои методӣ, намунаи адабиётҳои кӯдакона, гӯшаву оришот муҷаҳаз намоянд;

2.6.Ҷиҳати бартараф намудани камбудию норасогиҳои дар маълумотнома дарҷгардида тадбирҳои саривақтӣ андешанд аз натиҷаи корҳои анҷомдода дар давоми як моҳ ба Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ маълумотномаи хаттӣ пешниҳод намоянд.

3.Мушовири шуъбаи маориф оид ба муассисаҳои томактабӣ ва марказҳои инкишофи кӯдакон Ф. Шоймардонова барои дар сатҳи зарурӣ ташкил намудани кор дар доираи санадҳои меъёрӣ ҳуқукии соҳаи томактабӣ фаъолияташро ҷоннок намояд.

3.1.Дар ташкил ва таҷҳизонидани кабинети методии шуъбаи маориф баҳри тақвият бахшидан ба маҳорати касбии мудирон, сармураббиён, мураббиён ва омӯзгор-мураббиён чораҳои зарурӣ андешанд (ташкили ҷузвдонҳо оид ба барномаҳои давлатӣ, китоби бақайдгирии роҳхат ба муассисаҳои томактабӣ, маъулумот оид ба мудирон, мураббиён ва сармураббиён).

3.2.Дар самти банақшагирии омӯзиш ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадам мураббиёни эҷодкору навовар корро ҷоннок намуда, иҷрои онро зери назорати доимӣ қарор диҳанд;

3.3.Аз ҳисоби мураббиёни ҷавони эҷодкор ва бомаҳорат кадрҳои захиравӣ омода намоянд;

4.Ба мудирони муассисаҳои томактабӣ ва директорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавсия дода мешавад;

4.1.Ҳангоми таҳияи нақшаҳои кори солона масъалаҳое, ки барои пешравӣ ва баланд бардоштани маҳорати касбии мураббиён ва сатҳи дониш азхудкунии кӯдакон мусоидат менамоянд, ба инобат гиранд;

4.2.Барои ба танзим даровардани коргузорӣ ва ҳуҷҷатдорӣ муассисаҳои таълимии томактабӣ ва марказҳои инкишофи кӯдакон диққати ҷиддӣ дода, ба сармураббиён, мураббиён ва мураббӣ-омӯзгорон ёрии амалӣ расонанд;

4.3.Дар муассисаҳои томактабӣ ва марказҳои инкишофи кӯдакон корро дар самти иштирок ба машғулиятҳои таълимӣ, таҳлилу тадриси он ва ташвиқи худомӯзӣ ва таҷрибаивазкунӣ дар байни мураббияҳоро ҷоннок намоянд.

4.4.Ба мутахассисони ҷавон дар таҳия ва тартиб додани ҳуҷҷатдории кори мураббӣ кумаки методӣ расонанд;

5.Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини директори Марказ Сайдалиев Х.А гузошта шавад.

Раиси ҷаласа,
директори Марказ Ш.Каримзода